# ДУДМОНИ* ТУ КУЧОСТ? Ё посух ба бадкешони миллат

хазор донишчӯ дар Точикистон бо таъмини шароити лозима аз устодони хирфаӣ сабак меомӯзанд.

Бунёди сохтмони Неругохи барки обии Рогун мамлакатро аз бухрони энергетикӣ рахоӣ бахшид, хам акнун сатхи зиндагии мардум боло рафтааст. Обанбори Рогун аз рӯи лоихаи шафофи мухандисӣ сохта шуда, на танхо ба рушди иктисодиёти мамлакат, балки ахамияти бузургеро барои кишвархои хамсоя ва минтака молик аст.

Паёмхои хамасолаи Президенти Чумхурии Точикистон мухтарам Эмомалӣ Рахмон ба Мачлиси Олӣ дар бораи самтхои асосии сиёсати дохилӣ ва хоричии мамлакат ба рӯзгори сокинони диёр бехбудӣ бахшид ва байни минтакахо пули устувори дӯстиву рафокат гузошта, набзи ватандорӣ пайваста чӯш мезанад.

Дар даврони Истиклолияти давлатии Чумхурии Точикистон бо соири мамолики дунё шартномахои дучонибаву бисёрчониба баста, намояндагонаш дар хамоишхои сатхи байналмилалӣ фаъолона ширкат меварзанд. Чойи ифтихор аст, ки Президенти мо дар чандин чаласаҳои Мачмаи Умумии Созмони Милали Муттахид раисӣ ва бо забони ноби точикӣ суханронӣ кардааст.

Фазилати ибратоини Пешво дар он аст, ки дар хайати рохбарикунандаи давлат мутахассисонеро ба сахнаи сиёсат меоранд, ки мактабдидаву дардошнои мардуманд. Худи мактаби Президент барои рохбарони сатхи олӣ омӯзанда аст.

Бо вучуди ин, доирахои муайяни ба ном сиёсии зери химояти хоричиён мунтазам дар пайи игво буда, талоши кофтани «чирки зери нохун»-ро доранд. Хамин аст, ки Абдучаббор Рахмонзода, Ёрдамчии Президенти Чумхурии Точикистон оид ба масъалахои рушди ичтимоӣ ва робита бо чомеа, дар сухбат бо хабарнигори АМИТ «Ховар» назари хешро аз вазъияти басо хассосу мураккабе, ки чахон зери таъсири бемории COVID-19 мондааст, баён дошта, баробари накши боризи табибони хозик сахми рӯзноманигоронро низ чихати аз тарики васоити ахбори омма ва шабакахои ичтимоӣ сари вакт пахн кардани ахбори зарурӣ зикр менамояд. Хамзамон, номбурда дар рафти сухбаташ таъкидомез чунин иброз медорад: «Аммо баъзе аз рӯзноманигорон дар

шабакахои ичтимоӣ, порталхои маълумотӣ ва блогхои алохида ин зукоми гузарандаро бахона карда, ба чойи шархи дурусти бемории ва пешгирии он дар чумхурӣ ба масъалахои сиёсӣ ва гаразхои шахсӣ даст зада, мухити орому осудаи кишварамонро бо ахбори бардурӯг ва бухтонхои зиёд… халалдор карда истодаанд».

Акрабнафасоне дар хавои созу савти бегона тинчиву оромиши кишварро намехоханд. Масалан, хабарнигорони бахши точикии Радиои «Озодӣ» (Аврупои Озод) факат аз камбуд мегӯянд: ё як хонаи селзадаро ба намоиши видеоӣ мегузоранд, ё «кахрамон»-еро меёбанд, ки аз харду дунё дасту дил шуста, «мудерн»-и замон шудааст! Ё хеч набошад, аз такдири кадом як зани оташзада хангома мероянд, хол он ки ба иллати бемории рӯхӣ ходиса рух додаас ва пизишкон дар ин бора хулосаи тиббӣ навиштаанд.

Хабарнигори «Озодӣ» ба сурати лӯлии талбанда рӯи рох нишаста, ба ояндагону равандагон дасти гадоӣ дароз мекунад. Хол он ки лӯлиёни машхур ба гадоӣ ин «шугл»-ро аз гузаштагонашон ба «мерос» гирифтаанд. Тавба, хамин амали содалавхонаро «тадкикоти журналистӣ» унвон кардаанд. Фарзан, чамъи лӯлиёнро аз шахр биронем, “озодӣ”-парастон ба чахониён чор мезананд: «Дар Точикистон табъизи нажодӣ рохандозӣ шудааст!» Пас, ба кадом рӯятон бовар бикунем?

Находки дар як давлати дорои зиёда аз 9 миллион нафар ахолидоштаи Точикистон комгорӣ вучуд надошта бошад? Магар шумохо ободгарихои дар замони истиклол ба амал омадаро намебинед? Магар солиёни гурезогурез ва факру бенавоиву гарибӣ ба дилатон назадааст? Хаводиси Сурияву Ироку Фаластину Афгонистон ва дигар мамолики чангзада бароятон сабак намешавад? Ин хангоматозиву игвоангезӣ ба хотири чист? Ё бар ивази «бале»-гӯихои хочагони бурунмарзӣ ва дарёфти пули муфт каламҳи мукаддасро курбони фасод гардонидаед?

Вокеахои солхои 90-уми асри гузашта ба кавли устод Айнӣ барои миллати “сахтчон” бояд сабаки якумрӣ шавад. Дидем, ки думравони мансабталошу хурофотпараст, нимчамуллову “кориён”-и аз тафсири Куръони Карим фарсаххо дур аз минбари бахманмохи хунини солхои навадум чӣ гуна вазъ мегуфтанд.

Агар дар ин авохир афроди бедори миллатхои мутамаддин ба кайхон рафта, василаи омӯзиши таркиби чирмхои осмонӣ кашфиёти нодир — дар сайёраи Миррих имкони эхёи наботот — хаётро пешгӯӣ карда бошанд, уламои дину фанни мо сол аз дувоздах мох асири ихтилофхои мазхабӣ, бахси саллаву дастори кӯтох, хаму рости ангушти ишоративу

талаффузи арабии «валаззолин» бо «зод»-и «изгӣ», имлои «ӯ»-ву «ӣ»-и дароз бо «вов»-и маъдуларо то њол ба тафовук нарасонидаанд.

Хабарнигори Радиои «Озодӣ» Шахлои Гулхоча (гӯё бо равиши нав бошад!) дар байн афкори ду точикро хакамӣ мекунад. Кӣ намедонад, ки Кабирӣ, раиси Ташкилоти террористию экстремистии Хизби нахзати исломӣ, бо дастгирии хочагонаш фирорӣ гашта, бар зидди хамватанонаш дандон тез кардааст? Хатто вай дар посух ба суолхои хамсухбаташ Собир Валиев худро норохат хис мекунад.

Мусаллам аст, ки Кабирӣ дар чомеаи навини Точикистон харгиз  шахсият ва ё чехраи барчастаи сиёсӣ ва фархангӣ набуд. Акаллияти нахзатиён ба Мухиддин ва хамтоёнаш эътикод надоштанд. Игвою дасиса, якдигарнофахмиву кашмакаш дар байни хизбиёни нахзат ба хаде авч гирифта буд, ки коршиносони байналмилалӣ Ташкилоти террористиву экстремистӣ унвонаш карданд. Филми хуччатии «Хиёнат» ба даъвохои бепояи Кабирӣ латма мезанад. Баромадхои Нуриддин Ризоӣ дар барномаи «Висоли Хак» маколи точикии «кал додари кӯр»-ро  ба ёд меорад.

Аслан эътироз ё хамоишоротӣ дар доираи конунхои амалкунанда дар мулки бегона сурат намегирад. Зеро мушкилоти хар як миллатро рохбарони худи хамон давлату хукумат халлу фасл мекунанд. Сангандозон хамин амали разилонаро «демократия» унвон кардаанд. Мохияти демократия-«хокимияти халк» тамоман дигар аст.

Як бор муборизаи хакталошонаи Спитамени диловар бо Искандари Макдуниву сипохиёнашро ба ёд биёред, ки чӣ микдор мардону занони сугдӣ ба катл расида буданд. Тактикаи чангӣ ва зиракии сиёсии Спитамен нагузошт, ки душман дар ватани ӯ хукмраво бошад. Бале, чон бохт, вале ба душман таслим нашуд.

Ё худ, кахрамонихои Темурмалик алайхи мугулхо дар Хӯчанди бостон назир надорад. Чингизиён чандин шахру дехоти Мовароуннахру Хуросонро бо манчанику зарфхои нафтдор вайрон карда, харитаи хучум мекашиданд. Сохтани 12 киштии бодбондор накшаи рохнамои хӯчандиён буд. Ба болову пахлуи киштихо чанд кабат намад кашида, бо гил андова карданд, аз бар дарича гузоштанд. Бо ин рох дар чангхои пуршиддат мугулхои бешуморе чон бохтанд ва калонтарин шахри поёноби рӯди Сир Ёникентро аз чанголи ачнабитаборон озод намуданд.

Матонати ӯро устод Садиддин Айнӣ дар очерки таърихии «Кахрамони халки точик Темурмалик» ба калам дода, холати ачиберо овардааст. Гохи ба хок супоридани кахрамон аз миёнбанди ӯ халтача ёфтанд, ки як каф хок дошт, бо порчаи когаз ва ин навишта: «Эй он, ки мурдаи ман ба дастат меафтад, агар некхохи одамон ва ватандӯстон бошӣ, маро бо ин як каф хок гӯрон, ки ин ёдгории ватани азизи ман аст!" Байт:

Атри кафан зи хоки ватан кардам орзу,
Во хасрато, ки ин орзу мебарам ба хок!»

Шумохо магар аз ёд бурдед инкилобхои фархангии Шайхурраис Абуалӣ ибни Сино, Абурайхони Берунӣ ва Хаким Умари Хайёмро, ки то кунун ахли олам аз файзи ин ковишхои судманду таквими меродӣ бахра  мебаранд? Волидони покназари фозилон точик буданд, яъне аз шачараи мову шумо. Бе мухобо, хамин нобигахо дар сухангустарӣ шабехи файласуфони Юнони кадим, аз кабили Сукрот, Афлотун, Арастуянд, ки ба масоили инсон, рӯх, тафаккур, идеяхо, тан ва нафс эътибори хамачониба дода, назарияи маърифатро пеш мегузоранд.

Тахкики волои фалсафаи асримиёнагии Шарки исломӣ, фалсафаи замони нав, рушди маорифпарварӣ дар Фаронса, фалсафаи марксистӣ, фалсафаи маорифпарварии точик ва гайра дар чилди аввали китоби арзишманди «Фалсафа»-и доктори илмхои фалсафа, профессор Нуриддин Саид дарч гардидааст.

Амали бадкешони миллат набояд хар яки моро бетараф гузорад. Боз хам ба фалсафаи маорифпарварии точикон рӯ биёрем, мебинем, ки дар замони ошӯбхои сиёсӣ баъзе намояндагони барчастааш сӯи душманон гаравида, хамкешону хамзабонони худро шармсор кардаанд. Абдурраунфи Фитрат хамин гуна шахс буд, вале дар ибтидои муборизахои инкилоби сиёсиву маънавӣ бисёрихо ботини ӯро нашинохтанд.

Озодиву сохибихтиёрӣ, яъне демократия бояд меъёр дошта бошад. Чаро ниходхои масъули дохиливу байналмилалӣ ин хама тахкиру шӯру шаафи бешарафонро шунидаву лаб фурӯ мебанданд? Шаъну шараф ва риояи хукуки конститутсионӣ чӣ мешавад?

Доктори илмхои фалсафа Нуриддин Саид бо ифтихор мегӯяд, ки точикон дар масири

таърих мардуми шарафманд, сохибэъчозу тамаддунсоз, бонангу ор ва бекинаву беозор омадаанд. Ў бо таассуф аз истилои арабу чингизу мугул то исёнгарихои Хева ёд меоварад. Хамзамон, меафзояд, ки точикон дар ягон аср барои гасби марзу буми бегона талош накарда, бо ракибон созиш намуда, гунохашонро мебахшанд, боз дар айни тангдастӣ ёрмандӣ мекунанд. Ин моем, ки гапу калочахоро гӯё намешунавем, ба дил кина намегирем. Ин моем, ки хамаро бо чашми дил дида, бо акли кулл пазиро мешавем. Моем, ки рӯзи сахтиву нотавонӣ аз рахи савобу имондорӣ душманро бо нону намак дар кулбаи хеш чой медихем.

Дар замони пурталотуми чахонишавӣ таблиггарони давлатхои абаркудрат намегузоранд, ки сӯи чехрахои сиёсӣ ё давлаташон аз берун харфи бечо бигӯянд. Агар гуфтанд, дарзамон раддия пеш меоваранд. Дар мухити мо акси манзара хукмрон аст. Аз чхор сӯ бар сарамон санги маломат меборад, вале хамоно дар хукми сукутем.

Устоди зиндаёд Бозор Собир каблан гӯиё ин амахњои разилонаи гумрохони миллатро саропо эхсос намуда, ба дифои Сармеъмори сулху вахдати миллӣ бархоста буд:

Номи туро нависем, эй кахрамони вахдат,
Бо оби ноби тилло дар токи Касри миллат!..

**Сипехри ХАСАНЗОД,**
**нависанда ва публисист**